Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи “Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар доираи тақвияти шаклҳои нави хоҷагидорӣ бодарназардошти низомҳои андозбандӣ, яке аз фишангҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва устуворгардонии вазъи молиявии кишвар ба шумор меравад. Масъалаи мазкур, доимо мавриди баҳсу мунозира қарор гирифта, дар доираи роҳандозии чорабиниҳои давлатӣ барои рушди соҳибкорӣ, ҷои махсусро низоми андозбандӣ мегирад. Бинобар ин, коркард ва пешниҳоди нуқтаҳои назариявӣ оид ба хусусиятҳо ва қонуниятҳои такмилдии низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшуда низоми ташаккули моделҳои андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ коркард ва дигаргуншавии таркиби минтақавии фаъолияти соҳибкории инфиродии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Ба ақидаи докторант, роҳандозии низоми мазкур барои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва иқтисоди миллӣ аҳаммияти назаррас дорад. Ҳамзамон, дар мавриди ба эътибор гирифтани хусусияти индустриалии кишвар теъдоди назарраси фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба миён омада, натиҷаи он ба васеъшавии манбаи андоз аз ҳисоби занҷираи арзиши иловашуда оварда мерасонад.

Дар автореферати диссертатсия қайд гардидааст, ки ба эътибор гирифтани раванди кластерикунонӣ дар минтақаҳои

ҷумҳурӣ, ҳамоҳангии байни соҳавиро ба миён оварда, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу хизматрасониҳои ватанӣ ва дар натиҷа васеъшавии манбаи андозро фароҳам меорад.

Новобаста аз бартариҳои таҳқиқоти мазкур, кори диссертатсионӣ дорои баъзе камбудиҳои мебошад:

1. Хуб мешуд, агар алгоритми таҳаянамудаи муаллиф оид ба фаъол гардонии субъектҳои хоҷагидории характери истеҳсолидошта дар автореферат оварда мешуд.

2. Дар автореферат натиҷаҳои бадастомади дурнамои нишондиҳандаҳо ва тавсияҳои ояндавии онҳо пешниҳод нагардидааст.

Дар маҷмуъ,камбудиҳои овардашуда дорои характери тавия буда, ба сифати кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Умуман, автореферата диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**д.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

*Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 735700, мкр-н. 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, почтаи эл.: tsulbp@rambler.ru, Тел: +992 (34) 222-38-11, Факс: +992 (34) 222-51-70